**Тақризи**

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Саидзода Обидҷон Саид дар мавзӯи “Махсусияти таблиғи адабиёт ва санъат дар осори савтии радиои “Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 -журналистика тавсия мешавад.

Диссертатсияи номзадии Саидзода Обидҷон Саид, ки дар мавзӯи “Махсусияти таблиғи адабиёт ва санъат дар осори савтии радиои “Тоҷикистон” навишта шудааст, аз мавзӯъҳои мубрами радиожурналистикаи муосир ба шумор меравад.

Ҳангоми таълифи диссертатсия фаъолияти хоси муаллиф, аз ҷумла лаёқати таҳлил ва тавоноии кор бо сарчашмаҳо ва ҳунари расидан ба хулосаҳои саҳеҳу мантиқӣ ба назар мерасад. Баррасии пешинаи таҳлил, муайян кардани ҳадаф ва вазифаҳои пажӯҳиш, усулҳои таҳлилие, ки дар рисола ба кор рафтаанд, инчунин нуктаҳои меҳварие, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки унвонҷӯ аз миёни маводи зиёд метавонад нуктаҳои асосиро ҷудо кунад ва ба моҳияити аслии масъала ба хубӣ сарфаҳм рафта, ба натиҷаҳои дурусти илмӣ бирасад.

Муқоиса, таҳлилу баррасӣ ва нишон додани тағйироти миқдорӣ, сифатӣ, мавзӯӣ ва жанрии гуфторҳои калонҳаҷми радиои “Тоҷикистон” дар мисоли “Хонишҳои бадеӣ”, “Драмаҳои радиоӣ”, “Инсенировкаҳои радиоӣ”, “Песаҳои радиоӣ”, “Маҳфилҳои бадеӣ”, муайян кардани тафовуту ҳамбастагии онҳо дар баррасии мавзӯъҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва таъсиррасонӣ ба аудитория, таҳқиқу баррасии гуфторҳои адабӣ аз дидгоҳи нав барои пажӯҳиш дорои аҳамияти хос мебошанд.

Омӯзиш, таҳқиқ ва истифодаи маводи фаровони хазинаи радиои “Тоҷикистон” бавижа, хонишҳои адабию радиотеатрҳо ба рисоланавис имкон додаанд, ки доир ба қонунияти инкишоф ва сохтори онҳо, нақши осори савтӣ дар ташаккули афкори ҷомеа, саҳми онҳо дар тарғиби ғояҳои давлати нави миллӣ ва решадор гардонидани худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ дар замони истиқлол, муаммои характер ва тасвири олами ботинии қаҳрамонони осори савтӣ, рӯҳи замон ва ҳофизаи таърихӣ, нақши ровӣ дар хонишҳои адабиву бадеӣ ва қиссагӯиву афсонахонӣ, мавқеъи таносуби матну мусиқӣ ва истифодаи ҷилваҳои вижаи овоз тафаккури илмӣ ҳосил намояд.

То имрӯз дар илми журналистикаи тоҷик масъалаи пайдоиш, ташаккул ва инкишофи барномаҳои саҳнавии радиоӣ, гуфторҳои адабӣ-драммавии радиои “Тоҷикистон” ҳаматарафа мавриди омӯзишу таҳқиқи алоҳида қарор нагирифтааст. Дар рисола бори аввал кушиш шудааст,

ки доир ба масъалаи таҳаввули барномаҳои саҳнавии радиоӣ дар замони истиқлол, гуфторҳои адабӣ, бавижа ташаккули жанрҳои калонҳаҷми он, мундариҷаи осори савтӣ, ҷиҳатҳои ғоявӣ-бадеии онҳо пажӯҳиши мукаммал анҷом бигирад.

Муаллиф ба сифати сарчашма аз "Хазинаи тиллоӣ"- и радиои "Тоҷикистон" фаровон истифода кардааст. Ҳангоми омӯзиши ҳамаҷонибаи мавзӯъ ҷузваҳо ва бастаҳои барномаҳои марҳилаҳои гуногун, сабти лентаҳои хонишҳои адабиву бадеӣ, маҳфилҳо, гуфторҳои адабиву бадеӣ, фарҳангиву мусиқӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, ҳангоми таҳқиқ 230 лентаи овозии "Хазинаи тиллоӣ"-и радиои "Тоҷикистон" истифода шудаанд. Барои муайян намудани накши чеҳраҳои таърихӣ дар тахия ва тадвини осори савтӣ китобу мақола ва тақризҳои дар матбуоти даврони шӯравӣ ва истиқлол нашргардидаи дастрас истифода шудаанд.

Ҳамчунин дар ҷараёни таълифи диссертатсия рисолаҳои илмии баъзе аз муҳаққиқони муосири журналистикаи тоҷик барои таҳлилу муқоиса ва тавзеҳу бозгӯии паҳлуҳои гуногуни осори савтии замони истиқлол мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Диссертатсия бо сабки хуби илмӣ иншо шуда, диссертант ба ҳадафҳои пажӯҳиш ноил гаштааст. Моҳияти асосии диссертатсия дар 12 мақола, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаи рӯйхати аз ҷониби КОА-и назди Президнти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардида, ба табъ расидааст.

Мавзӯи тадқиқот дар конфронсҳои донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ (солҳои 2012-2018) дар мавзӯъҳои "Шаклҳои пешниҳоди осори савтӣ дар барномаҳои радиои "Точикистон" (21.04.2012), "Шоҳномахонӣ дар радиои "Тоҷикистон" (22.04.2013) "Гуфторҳои таърихӣ дар радиои "Тоҷикистон" (21.04.2014), "Ташаккули гуфторҳои динӣ дар радиои "Тоҷикистон" (21-22. 11. 2014), дар конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии "Устод Садриддин Айнӣ ва худшиносии таърихии тоҷикон"-и ДДОТ ба номи С. Айнӣ дар мавриди "Инъикоси осори адабии С. Айнӣ дар радиои "Тоҷикистон" (15.04.2015), дар конфронси ҷумҳуриявии илмию назариявии "Устод Айнӣ ва асолати забони тоҷикӣ" дар мавриди "Бозтоби осори устод Айнӣ дар радиои "Тоҷикистон" (15.04.2017) ва дар мавзӯи "Накши радиои "Тоҷикистон" дар таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ" (22.04.2017) ва ғайра инъикоси худро ёфтааст.

Саидзода Обидҷон Саид беш аз 10 сол аст, ки дар радиои "Тоҷикистон" фаъолият дошта, чанд соли охир вазифаи муовини аввали

директори радиоро ба дӯш дорад. Ин имкон додааст, ки диссертант дар навиштани рисола аз сарчашмаҳои таҳқиқ самаранок истифода бурда, ба натиҷаи ниҳоӣ бирасад.

Диссертатсияи "Махсусияти таблиғи адабиёт ва санъат дар осори савтии радиои "Тоҷикистон" пажӯҳиши илмии анҷомёфта буда, муҳаққиқ ҳамаи вазифаҳои таҳқиқотро ба пуррагӣ ҳал кардааст. Автореферат ва мақолаҳои илмии чопшудаи унвонҷӯ муҳтавои асосии рисоларо инъикос мекунанд. Рисола ба талаботи КОА-и назди Президнти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 -журналистика шоиста аст.

Доктори илмҳои филология,
профессори кафедраи
журналистикаи байналхалқии ДМТ Муқимов М. А.

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10
тел: 935017232
E-mail: jovidm@mail.ru

"Тасдиқ мекунам"
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.